ФЕВРАЛИ 2025 | №3

***Силсилачорабиниҳо ба муносибати***

# “РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО”

*БЮЛЛЕТЕН*



***Пиряхи “Ванҷях”. Фото: www.https://www.transfergo.com/facts-about-tajikistan***

Тағйирёбии иқлим таъсири зиёде ба Тоҷикистон дорад ва чолишҳое монанди ҳодисаҳои вобаста ба обу ҳаво, норасоии об, таҳдид ба кишоварзӣ ва амнияти ғизоӣ дорад. Ин проблемаҳо ҳам ба экосистема ва ҳам ба рӯзгори қишрҳои осебпазири ҷомеа таъсир мерасонанд. Барои ҳалли самараноки ин мушкилот, тадбирҳои мутобиқшавӣ хеле муҳимманд. Нақшаи миллии мутобиқшавӣ (НММ)-и Тоҷикистон ҳамчун чорчӯбаи стратегӣ барои арзёбии осебпазирӣ, муайян кардани ҳадафҳо ва таҳияи стратегияҳо барои ҷонибҳои манфиатдор дар соҳаҳои гуногун хидмат мекунад. Ин равиши ҳамкорӣ бо мақсади татбиқи чораҳои фарогири мутобиқшавӣ, ки сарчашмаҳоро ҳифз намуда, ояндаи устуворро тақвият мебахшад, амалӣ карда мешавад.



*Фото: БРСММ Тоҷикистон*

***Семинари тағйирёбии иқлим Файзобод***



*Фото: БРСММ Тоҷикистон*

***Иштирокчиёни мизи мудаввари Бохтар***

Инчунин баланд бардоштани зарфият нақши муҳим дар муваффақияти талошҳои мутобиқшавӣ тавассути рушди маҳоратҳо, баланд бардоштани огоҳӣ ва сарчашмаҳои инфиродӣ ва институтсионалӣ бозӣ мекунанд.

Бо сармоягзорӣ дар тақвияти зарфият, Тоҷикистон метавонад ҷамоаҳои маҳаллиро тавонманд созад то татбиқи стратегияҳои мутобиқшавиро ба даст гиранд, тобовариро рушд диҳанд ва расидани манфиат ба осебдидаҳои тағйирёбии иқлимро таъмин созанд. Ин равиш банақшагирии беҳтарро муҳайё сохта, идоракунии сарчашмаҳоро беҳтар месозад ва ба оқибатҳои тағйирёбии иқлимро бартараф месозад.




***Коҳиши пиряхи Ванҷях. Фото: https://asiaplustj.info/en/node/345296***

Аз суйи дигар дар устуворӣ ва амнияти кишвар дар масъалаи тағйирёбии иқлим саҳм мегузорад. Бо дарназардошти масъалаҳои болозикр, зерлоиҳаи “Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон” (БСООТИ)-и лоиҳаи “Мусоидат ба раванди банақшагирии самараноки мутобиқшавӣ (НММ) барои Тоҷикистон”-и Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ), ки аз ҷониби Фонди Иқлими Сабз (ФИС) маблағгузорӣ мешавад, силсилачорабиниҳо бахшида ба “Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” баргузор намуд.

# СИЛСИЛАЧОРАБИНИҲО БАХШИДА БА “РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО”

## *Семинар оид ба “Тағйирёбии иқлим ва пиряхҳо”*

Оғозбахши чорабиниҳо роҷеъ ба ҳифзи пиряхҳо семинари ***“Тағйирёбии иқлим ва пиряхҳо: мутобиқшавӣ бо истифода аз маълумоти обуҳавошиносӣ”*** буд, ки дар санаи 9 январи 2025, дар ноҳияи Файзобод баргузор шуд. Семинар 25 иштирокчӣ аз соҳаҳои гуногун: кишоварзӣ, ҷангал ва энергетикаро даври ҳам оварда, масъалаи таъсири тағйирёбии иқлим ба секторҳои гуногуни ҳаёт алалхусус таъсири он ба пиряхҳоро баррасӣ намуд. Чорабинии мазкур инчунин нақши маълумоти обуҳавошиносӣ дар таҳияи стратегияи муассири мутобиқшавиро ба баррасӣ гирифт.

Коршиносони тағйирёбии иқлим ва пиряхшиносон мубоҳиса ва табодули фикру назари байнисоҳавӣ бо равишҳои инноватсиониро дар семинар истифода бурда, иштирокдоронро ташвиқ намуданд, ки фикру назарҳои худ роҷеъ ба тағйирёбии иқлим, таъсири он ба пиряхҳо ва аҳамияти ҳифзи пиряхҳоро пешниҳод намоянд.



***Макет аз намоишгоҳи Файзобод***

## *Намоишгоҳҳои расм бахшида ба “Рӯзи ҳифзи пиряхҳо”*

Зерлоиҳаи “Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон” дар санаи 8 ва 14 январи соли 2025, ду намоишгоҳи расми беҳтарин бахшида ба “Рӯзи ҳифзи пиряхҳо” дар байни ҷавонони ноҳияҳои Файзободу Кӯшониён баргузор намуд.

Дар намоишгоҳҳо зиёда аз 60 рассому макетсози ҷавон иштирок намуданд.

Чорабиниҳои ҳунарӣ таъсири обшавии пиряхҳо ва зарурати ҳифзи он дар шароити Тоҷикистонро инъикос намуда, ташаббусҳои гуногун ҷиҳати ҳифзи онро аз диду назари ҳунармандони ҷавон пешниҳод намуданд.

Дар намоишгоҳҳои мазкур инчунин, коршиносони масъалаҳои пирях бо хонандагону рассомони ҷавон сӯҳбатҳои интерактивӣ оид ба таъсири тағйирёбии иқлим ва роҳҳои самараноки мутобиқшавӣ бо иштирокчиёнро анҷом доданд. Ҷиҳати қадрдонӣ аз ҳунармандони ҷавон ғолибони озмуни беҳтарин расмҳо бо ҷоизаҳои нақдӣ ва боқимонда иштирокчиён бо мукофотҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд, то барои дар оянда идома додани корҳои ҳунарӣ дар самти масъалаҳои тағйирёбии иқлим, ҳифзи пиряхҳо ва муҳити зист ҳавасманд шаванд.



***Намунаи расмҳо аз намоишгоҳи Кӯшониён***

## *Мизи мудаввари ду рӯза бахшида ба “Мониторинги пиряхҳо ва стратегияи мутобиқшавӣ”*

Яке аз чорабиниҳои бахшида ба таҷлили “Рӯзи байналмилалии ҳифзи пирях” мизи мудаввари ду рӯза зери унвони “Мониторинги пиряхҳо ва стратегияи мутобиқшавӣ” дар Бохтар буд, ки дар санаи 15-16 январи соли 2025 баргузор шуд.

# СИЛСИЛАЧОРАБИНИҲО БАХШИДА БА “РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО”

***Мизи мудаввари ду рӯза бахшида ба “Мониторинги пиряхҳо ва стратегияи мутобиқшавӣ”***

Семинар 25 иштирокчиро аз бахшҳои кишоварзӣ, энергетика, об, нақлиёт, ҷангал ва сектори хусусӣ даври ҳам овард.

Семинари мазкур иртиботи пиряхҳо бо захираҳои об, ки нақши муҳим дар истиқрори иқтисодӣ ва зистмуҳитии Тоҷикистон дорад, ба баррасӣ гирифт. Тағйирёбии иқлим боиси обшавии пиряхҳо гардида, нигарониҳо оид ба бехатарии обӣ ва таъсири он бар системаи зистмуҳитӣ, кишоварзӣ ва ҷамоатҳоро ба бор вардааст.

Иштирокчиён зимни мубоҳисаҳо дар мизи мудавввар оид ба арзёбии таъсири тағйирёбии иқлим ба муҳити зист ва таҳияи стратегияи мутобиқшавӣ табодули фикру андеша намуданд.

Мизи мудаввар инчунин бар зарурати доштани зерсохторҳои тобовар, факторҳои асосии техникӣ, молиявӣ, ва сиёсӣ, ки бар татбиқи муваффақи стратегия мусоидат мекунанд, таъкид намуд.

Бар иловаи баромадҳо, корҳои гурӯҳӣ ва баҳсу муҳокимаҳо як бахши муҳимми чорабинии мазкур ба дидани таҷрибаҳои амалӣ аз тариқи сафари саҳроӣ бахшида шуда буд. Дар сафари саҳроӣ, иштирокчиён фурсат ва имконият доштанд, то таъсири обшавиипиряхҳо ба системаи муҳисти зист ва чораву табдирҳои амалии мутобиқшавӣ ва коҳиши таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳоро дар амал дидан намоянд. Мизи мудаввари Бохтар, дар умум аҳамияти идомаи мубоҳисаҳо ва ҳамкориҳо байни баҳрабарандагон дар масъалаи ҳалли самараноки мушкилоти вобаста ба тағйирёбии иқлимро таъкид намуд.

Инчунин дар мизи гирд аҳамияти ҳифзи пиряхҳо барои захираҳои об ва зиндагии рӯзмарраи мардум ва татбиқи стратегияи мутобиқшавӣ барои ояндаи Тоҷикистон муҳим арзёбӣ шуд.

Чорабиниҳо, маъракаҳо, семинарҳо, мизи гирдҳо нақши муҳим дар ҷалби ҷамоаҳо ба масъалаи тағйирёбии иқлим ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ доранд. Ин гуна фаолиятҳо на танҳо афродро ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим ҷалб мекунанд, балки ба татбиқи амалӣ водошта ҳамчун платформаи табодули фикру дониш ва сарчашмаҳо хидмат мекунанд. Бо гирди ҳам овардани мардум, онҳо барои ҳамкорӣ ва талошҳои якҷоя ҳавасманд шуда, дар ҳалли дастаҷамъии мушкилот кӯшиш мекунанд. Ин чорабиниҳо ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оварда мерасонанд ва ба тасмимгириҳои дуруст сабаб мешаванд. Аз сӯи дигар иштирок дар раванди ҳалли масъалаҳоро зиёд карда, тағйири мусбат ба манфиати ҷамоаҳо ва муҳити зистро ба амал меоранд.

*Дар сафари саҳроӣ иштирокчиён имконият доштанд то таъсири обшавии пиряхҳо ба системаи муҳити зист ва чораву тадбирҳои амалии мутобиқшавӣ ва коҳиши таъсири тайғйирёбии иқлим ба пиряхҳоро дар амал бубинад.*




***Кори гурӯҳӣ дар мизи мудаввар***




***Сафари саҳроӣ ба “Бешаи палангон”***




***Сафари саҳроӣ ба ноҳияи Дӯстӣ***

***БРСММ ташкилоти пешбари Созмони Милали Муттаҳид мебошад, ки барои хотима додан ба камбизоатӣ, нобаробарӣ ва тағйирёбии иқлим талош мекунад. Бо шабакаи васеи коршиносон ва шарикони рушд, мо дар 170 кишвари ҷаҳон фаъолият мекунем, то ки ба кишварҳо дар таҳияи қарорҳои ҳамгирошуда ва пойдор ба нафъи башарияту сайёра кӯмак расонем.***
***Барои маълумоти бештар моро дар сомонаи undp.org ё @UNDP пайгирӣ кунед.***